## ЛОИҲАИ КУРСИ «САРВАРОНИ СИЁСӢ»

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои соҳибистиқлолии худ бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддат вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷавонон, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти онҳо, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон », Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар замони муосир, ки бархӯрди тамаддунҳо ва муқовимвт ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир бештар ба назар мерасад, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар раванди инкишофи худ ба муваффақият ноил гардад.

Ҷавонони имрӯзаи кишвар дар марҳилае кору фаъолият доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароити мусоид ҷиҳати худтакмилдиҳӣ ва инкишоф, як қатор мушкилотҳое низ садди роҳи зиндагии онҳо гаштааст. Аз ҷумла, надоштани маълумоти лозими оид ба вазъи сиёсии кишвар ва ҷаҳон, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, надоштани малакаи кофи дар идоракунии давлатӣ.

### МАҚСАД

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимиву иқтисодӣ, муттаҳидии донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ ва таҳсилоти муносиб барои онҳо, дастгирии ташаббуси донишҷуёни фаъол, мусоидат ба рушди ҳаракати илмиву сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷавонон, бартараф сохтани мушкилоти донишҷӯён дар раванди таҳсил ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду такомули онҳо ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон.

Инчунин, иштироки ҷавонон дар арҷ гузоштан ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти Ватан, тарбияи онҳо дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, дарки баланди масъулиятшиносӣ, таҳамулпазирӣ ва инсондӯстӣ, азхудкунии

касб ва илмомӯзӣ, ҳидоят сохтани насли ҷавон, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои ҷавонон.

## ВАЗИФАҲО

- таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- ба таври мунтазам ҷалб намудани доираи васеи донишҷӯён дар вохуриҳо бо чеҳраҳои сиёсии кишвар, мутахассисон ва таҳлилгарони масъалаҳои сиёсӣ;
- фаъолгардонии ҳаракати ҷамъиятии ҷавонон ба воситаи ташаккул ва рушди ҳаракати ихтиёрӣ дар донишгоҳ;
- рушди имконоти донишҷӯён ҷиҳати ба шуғл фарогирии онҳо баъд аз хатм ва рақобатпазирӣ он дар бозори меҳнат;
- ҳамоҳангии донишгоҳ бо мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати амалишавии лоиҳа;
- фароҳам овардани шароит барои барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;
- мусоидат оиди баланд бардоштани маърифатнокии ҷавонон;
- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир;
- амалисозии механизми муосири муқовимат ба хурофотпарастӣ, тундгароӣ, терроризму экстремизм дар байни ҷавонон;
- баланд бардоштани ватандӯстии ҷавонон, тарғиби худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллии онҳо;
- баланд бардоштани фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърихи пурғановати миллати худ;
- тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи пос доштани фарҳанги миллии либоспӯшӣ ва дур будан аз бегонпарастӣ;
- ташаккули механизми устувори имконоти иттилоотӣ ва омори сиёсати давлатии ҷавонон ва маҳзани кадрҳои ҷавон;

## НАТИҶАҲОИ НИҲОӢ

Натиҷаҳои татбиқи Лоиҳа аз рӯи нишондиҳандаҳои муқараршуда барои андешидани ин гуна чораҳо равона гардидааст:

- таъмини иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол гардидани онҳо;

- устувор гардидани фаъолияти ҳаракатҳои ҷамъиятии ҷавонон;

- фароҳам овардани шароит барои худтатбиқнамоии эҷодии ҷавонон;

- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир;

- дур шудани қисми муаяни ҷавонон аз хурофотпарастӣ, тундгароӣ ва терроризму экстремизм;

- паст ё муътадил гардидани сатҳи қоидавайронкунӣ дар байни донишҷӯён;

- баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, тарғиби худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихории миллӣ дар байни ҷавонон;

- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар самти пос доштан ва рушд додани фарҳанги миллии либоспӯшӣ;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии донишҷуён;

- ташаккул ёфтани заминаи илмию амалӣ ва иттиллоотии сиёсати давлатии ҷавонон;

- ҳавасманд намудани донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ дар амалӣ намудани корҳои муҳими тадқиқотӣ ва манфиатбахш ба ҷомеа.